«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессор
____________ Ибодулозода А. И.
«18» ноябри соли 2022

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

Диссертатсия дар мавзуи **«Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Боронов Умедҷон Хуҷамуродович** соли 2008 факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм карда, аз соли 2019 то ҳол унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ – **Боқиев Ҳамза Олимович** номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 29.06.2019, қарори № 12/4.7. тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертант Боронов Умедҷон 22 декабри соли 2022 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Муҳокимаи диссертатсия ба сурати зайл ҷамъбаст гардидааст:**

Тарҷума дар таърихи адабиёти тоҷик собиқаи тулонӣ дорад, зеро дар ҷараёни тарҷумаи бадеии тоҷикӣ ва ташаккулу таҳаввули он нақши шахсиятҳои ҷудогона бузург буда, маҳз ба шарофати заҳматҳои эшон тарҷума ҳамчун ҷузъи муҳимми адабиёт ва фарҳанг дар ҷомеаи тоҷикон ҷойгоҳи муҳим касб кард.

Дар диссертатсия муаллиф рӯзгору осор ва фаъолияти тарҷумонии яке аз аввалин мутарҷимони тоҷикро мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор дода, муайян намудааст, ки Ҳасан Ирфон аз поягузорони тарҷумаи бадеӣ ба забони тоҷикӣ шинохта шуда, дар тарҷумаи бадеӣ ва назарияи он саҳми сазовор гузоштааст. Паҳлуи дигари фаъолияти адабии Ҳасан Ирфонро нависандагӣ ташкил медиҳад ва хидмати ӯ дар раванди ташаккули насри тоҷикӣ, бахусус, романи тарҷумаиҳолӣ ва повесту ҳикоя низ арзишманд аст.

Воқеан, Ҳасан Ирфон, яке аз бунёдгузорони насри тарҷумаиҳолии бадеии тоҷик буда, осори бадеии нависанда аз ҷиҳати сохт, дарунмоя ва тарзи нигориш ҷолиби диққат мебошад. Ҳасан Ирфон аз худ романи тарҷумаиҳолии «Дар кулбаи косибон», ду повест – «Ду ёр аз ду диёр» ва «Духтари Алҷазоир» ва ҳикояи «Зарби нештар»-ро мерос гузоштааст, ки то ҳол дар адабиётшиносии тоҷик мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

Ба ин далел, муаллифи диссертатсия нахуст шарҳи ҳол, осор ва фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфонро мавриди таҳқиқ қарор дода, сипас нақши ӯро дар инкишофи тарҷумаи бадеӣ мушаххас намудааст. Ба ақидаи ӯ, Ҳасан Ирфон яке аз бунёдгузорони тарҷумаи бадеии тоҷикӣ буда, ба василаи ҳунари тарҷумонӣ ва иштироки бевоситааш дар ҷараёни эҷоду таҳрири осори тарҷумавӣ, асосҳои назарӣ ва амалии ин ҳунарро пайрезӣ кардааст. Чунон ки дар фавқ ишора рафт, тарҷумаи тоҷикӣ таърихи тулонӣ дорад. Диссертант дуруст муайян намудааст, ки Ҳасан Ирфон яке аз чанд тане буда, ки дар солҳои сиюми садаи гузашта тарҷумаи

комилан нав ва аминро асос гузошт ва равишҳои ташаккул ва таҳаввули онро муайян намуд ва беҳтарин намунаҳои насри бадеиро ба забони тоҷикӣ баргардон кардааст, ки осори Максим Горкий «Бачагӣ», «Дар байни мардум», «Университетҳои ман», Даниел Дефо «Робинзон Крузо», Жюл Верн «Бачаҳои капитан Гран», Алексей Николаевич Толстой «Ғалла», Борис Полевой «Достони марди ҳақиқӣ», Натан Самойлович Рибак «То абад бо Москва», Иван Яковлевич Франко «Барислав механдад», романҳои Николай Гаврилович Чернишевский «Чӣ бояд кард», Рафаело Ҷованоли «Спартак», Салтиков Шедрин «Ҷанобон Галовлиёвҳо», Гарегин Севунс Севиевич «Теҳрон», Сергей Петрович Бародин «Ситораҳо дар осмони Самарқанд», Собит Муқанов « Мактаби ҳаёт», «Маҷмуаи ҳикояҳои Ҳинду Покистон», Робиндранат Такур «Завол» ва ғайра аз он ҷумла аст. Барои расидан ба мақсадҳои худ диссертант У. Боронов дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:

- муайян кардани зинаҳои ҳаёт ва фаъолияти нависандагиву тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар алоқамандӣ бо воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагӣ ва омилҳои асосии ташаккули шахсияти ҳунарии ӯ;
- баррасӣ ва арзёбии услуби эҷодии нависанда дар эҷоди осори насрӣ ва интихоби осори тарҷумавӣ;
- мушаххас намудани саҳми Ҳасан Ирфон дар инкишофи насри бадеии тоҷикӣ;
- шинохт ва арзёбии вижагиҳои ҳунари тарҷумонии Ҳасан Ирфон аз адабиёти ҷаҳон;
- таҳқиқ ва ошкор намудани масъалаи амонат ё худ ҳифзи сабки осори тарҷумашуда дар мисоли баъзе тарҷумаҳои мутарҷим;
- баррасии масъалаҳои интихоби тарҷума, алоқамандии мутарҷим ба матни аслӣ;
- дар ҷараёни таҳқиқ мушаххас намудани масъалаҳои назарӣ ва амалии осори тарҷумавӣ;

- муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Ҳасан Ирфон дар ташаккул ва таҳаввули мактаби тарҷумаи бадей дар адабиёти муосири тоҷик.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** осори бадей ва тарҷумавии Ҳасан Ирфон, манобеи илмиву адабӣ, ҳамчунин, маводи дар матбуоти даврӣ доир ба аҳвол ва осори адиб нашршуда, нусхаҳои мухталифи тарҷумаҳо, ки дар солҳои гуногун ба чоп расидаанд, сарчашмаҳои асосии таҳқиқот буда, дар ин замина, аз осори назарие, ки дар шинохт ва арзёбии равишҳо ва сабки тарҷума таълиф шудаанд, истифода гардид. Барои таҳқиқи таъмимии (типологии) осори бадей ва тарҷумавии Ҳасан Ирфон дар қиёс бо эҷодиёти муосиронаш аз таҳқиқотҳои марбут ба ин масъала низ ҳамчун манобеи назариявию амалӣ мавриди истифода буданд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсия ба дастовардҳои илмии олимони ховаршинос ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, чун М. М. Бахтин, Ю. Л Лотман, Д. С. Лихачёв, В. М. Жирмунский, Г. Гачечиладзе, Р. Якобсон, С. Айнӣ, М. Шакурӣ, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, А. Набавӣ, М. Мирзоюнус, Ш. Солеҳов ва дигарон бунёд ёфтааст. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ дар асоси усулҳои таҳлили таърихию адабии ҳодисаҳои иҷтимоиву адабӣ ва методи муқоисавӣ-таърихӣ таълиф шуда, ҳамчунин, ҳангоми ҳалли ҷомеи масъалаи мавриди баҳс аз назари объективӣ ба осори адабӣ, меъёрҳои матншиносӣ, методи таҳлили системӣ (бонизом) ва равишҳои оморӣ - татбиқӣ истифода гардидааст, такя кардааст.

**Навоварии илмии таҳқиқи** диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал зиндагинома, моҳияти фаъолияти адабӣ, хусусиятҳои осор ва хидматҳои Ҳасан Ирфон дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадей дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадей ва тарҷумаи касбӣ ба тариқи дақиқназарӣ таъйид гардидааст.

Диссертатсияи номзадии У. Боронов дар асоснокии илмӣ ва дарки хусусиятҳои хосси тафаккури бадей, фардияти эҷодӣ ва фаъолияти нависандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфон ошкор мешавад. Ба ин далел, осори бадеии нависанда, аз ҷумла, таҷрибаи тарҷумонии ӯ таҳлил ва арзёбӣ шуда, қонуниятҳо ва **арзиши назарӣ** ва масъалаҳои мавриди назар муайян ва мушаххас карда шуд. Маводи назарии диссертатсияи мазкурро, хулоса ва донишҳои назарии диссертант ҳамчун ҷанбаи назарии омӯзиши ҳаёт, фардияти ҳунари нависандагию тарҷумонии Ҳасан Ирфон тақвият бахшида метавонад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Боронов Умедҷон дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаи пажӯҳишро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума, суханрониҳо аз таърихи адабиёт ва тарҷума дар макотиби миёна ва олӣ, ҳамчунин, асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи тарҷумаи муосир истифода кард, зеро фаъолияти адабии Ҳасан Ирфон, бахусус, нақши тарҷумонии вай дар ин самт бузург ва таъсиргузор аст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар маҷмуаҳои илмӣ нашр гардидаанд, ифода ёфтааст.

**А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Боронов У. Х. Гузаштае, ки ҳамеша бо мост /У. Х. Боронов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – №6. – С. 211-217.

2. Боронов У. Х. Тарҷумони пайкҳои руҳи башарӣ /У. Х. Боронов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 211-217.

3. Боронов У. Х. Мутарҷиме дар мақоми роҳкушо /У. Х. Боронов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 263-269.

4. Боронов У. Х. Риояти амонат дар тарҷума /У. Х. Боронов // Суханшиносӣ (маҷаллаи илмӣ). Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2022. – №1. – С. 115 -123.

5. Боронов У. Х., Боқиев Ҳ. О. Вижагиҳои сабки тарҷумаи тоҷикӣ ва нақши Ҳасан Ирфон дар таҳаввули он / У. Х. Боронов, О. Ҳ. Боқиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6 (91). – С. 191-196.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо нашр шудаанд:**

1. Боронов У. Х. Нигоҳе гузаро ба сарнавишти Ҳасан Ирфон /У. Х. Боронов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 90 – солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва 50 – солагии таъсисёбии кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ. – Душанбе, 2021. – С. 34-39.

2. Боронов У. Х. Осори адибони ҷаҳон дар тарҷумаи Ҳасан Ирфон /У. Х. Боронов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21 – уми феврал) дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ». – Душанбе, 2022. – С. 72-75.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи **Боронов Умедҷон Хуҷамуродовичро** дар мавзуи **«Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон»** кори илмии бaанҷомрасида меҳисобад. Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ аст.

Бинобар ин, кафедраи назария ва таърихи адабиёт диссертатсияи **Боронов Умедҷон Хуҷамуродовичро** аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ барои дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, қарори №4 аз 11.11.2022.

Доктори илмҳои филология,
профессор, мудири кафедраи
назария ва таърихи адабиёти ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш. А.

Котиби илмӣ, ассистент Мерганзода М. Б.

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ «18» ноябри соли 2022 Мустафозода А.